# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Салямова Дилафрӯз Нарзимуродовна дар мавзуи “Заминаҳои пайдошавии нуқсони лакнатзабонӣ дар кӯдакон ва технологияи бартарафсозии он” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.03 - Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия)

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**

Мубрамияти мавзуи ба ҳимоя пешниҳодшуда аз ҳар бобат қобили қабул ва мақбул буда, он дар рушду пешрафти илми педагогикаи ватанӣ, бахусус педагогикаи махсус – коррексионӣ ба аҳамияти калон молик аст. Муҳиммияти баррасӣ ва таҳқиқи масъала дар он ифода меёбад, ки нуқсони нутқӣ омилҳои ногувори психологӣ дошта, боиси сар задани мушкилоти доимӣ дар гуфтор, таъмини муоширати комил бо атрофиён мегардад ва ҳиссиёти гуногуни дилтангӣ ва озурда шуданро эҷод мекунад.

Дар Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: “Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир самтҳои асосии рушди таҳсилоти фарогирро (инклюзивиро) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, дар таъмини ҳуқуқҳои баробари кӯдакони имконияташон маҳдуд барои гирифтани таҳсилот мусоидат менамояд”.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мазкур ва чанд проблемаҳои педагогикаи коррексионӣ то ҳол мавриди баррасӣ ва таҳқиқотҳои муназзам ва батартиб қарор нагирифтааст. Тазаккур ҳам медиҳем, ки сухан танҳо ба хотири анҷом додани таҳқиқотҳои илмӣ дар ин самт намеравад, зеро дар хонаводаҳо, мутаассифона, кӯдаконе ҳастанд, ки мубталои нуқсони нутқи бада, эҳсоси ранҷу ҳасрат мекунанд. Аз ин лиҳоз муаллиф тасмим гирифтааст, ки таҳқиқи проблемаи ба миён гузошташударо бо дарназардошти на танҳо гузориши масъала, балки ҷустуҷӯ ва бозёфти роҳу равиши бартарафсозии нуқсонҳои коррексионӣ роҳандозӣ кунад, то кори логопедҳо тавассути тавсияҳои илмӣ-амалии

пешниҳодгардида ислоҳ ва ба низом дарояд. Лозим ба зикру баён аст, ки тавсияҳои муаллиф дар пешбурди на танҳо усулҳои мпвачуда маъмули логопедия, балки инчунин дарёфти роҳҳои нави ҳалли мушкилоти ислоҳи лакнатзабонӣ кӯмак хоҳанд кард.

Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки лакнатзабонӣ як ҷанбаи маъмули осебпазирии нутқ аст ва аксаран дар кӯдакони хурдсол мушоҳида гардида, минбаъд дар сурати ислоҳ нашудан ба инкишофи нутқ ва шахсияти онҳо халал мерасонад, иҷтимоишавии онҳоро душвор мегардонад. Решаҳои асосии пайдоиши лакнатзабонӣ то ҳол ба қадри комил таҳқиқ нашудаанд ва табиист, ки фикру андешаҳои муҳаққиқон низ дар ин росто ягона нест. Аз ин рӯ, зарурати омӯзиши механизмҳои лакнатзабонӣ ва донистани хусусиятҳои гуногуни зуҳури он, бартараф кардани нуқсонҳои мавҷуда бо роҳу усулҳои пешрафти илми психология, педагогика ва методика аз ҷониби муаллифи диссертатсия ногузир дониста шуд.

Таҳқиқоти дисертатсионӣ дар асоси талаботҳои амалигардонии Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то давраи соли 2030, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон (2010), Консепсияи таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) самтҳои асосии рушди таҳсилоти фарогир (2011), Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон (2017), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” (2013), Қонун дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд (2011), Конвенсияи байналмиллалӣ оид ба маюбон (2018) Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак (2010), Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (2010), нақшаи кори логопедӣ, нақшаи кӯдакистон, барномаи “Рангинкамон”, нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир дар мавзӯи «Ислоҳи нуқсони лакнатзабонӣ дар раванди кори таълиму тарбиявӣ» анҷом дода шудааст.

**Фарзияи таҳқиқот** аз нигоҳи ислоҳи нуксони лакнатзабонӣ дар кӯдакони синни томактабӣ пешбинӣ гардида, бино бар ақидаи муаллиф вақте муяссар мегардад, ки агар:

- логопед таҷрибаи дарки хусусиятҳои умумӣ ва фардии суръат ва ритми нуткро дар кӯдакони лакнатзабон дошта бошад;

-дар ислоҳи нуқсонҳои лакнатзабонӣ шароити мусоидро дар робита бо таносуби самтҳои суръат ва ритми нуткро ба инобат гирад;

- ислоҳи нуқсони лакнатзабониро дар кӯдакон вобаста ба хусусиятҳои синну солӣ ва бо истифода аз технологияи муосир ба роҳ монад;

- дар раванди машғулиятҳои логопедӣ истифодабарии технологияҳои навинро вобаста ба имкониятҳои синну солии кӯдакон дуруст ба ҳисоб гирифта тавонад;

- мавриди истифодабарии технологияҳои навин бехатарии саломатӣ, равонӣ ва ҷисмонии кӯдакони синни томактабиро таъмин карда тавонад.

Барои ноил шудан ба ҳадаф ва асоснокии фарзия **вазифаҳои** зерин ба сомон расиданд:

1. Методологияи омӯзиши ҷанбаҳои фонемикии нутқи кӯдакони синни томактабӣ бо инкишофи умумии нутқ асоснок карда шудааст;
2. Хусусиятҳои сураъатнокӣ ва ритмикии нутқ дар кӯдакони лакнатзабон дар асоси технологияи бозӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор ёфтааст;
3. Нақши бозиҳои логопедӣ дар ислоҳи нуқсонҳои лакнатзабонӣ нишон дода шудааст;
4. Дар заминаи корҳои амалии анҷомёфта асосҳои назариявии методологияи фаъолияти бозӣ ҳачун технологияи ислоҳи нуқсонҳои гуфтор баррасӣ гардидааст;
5. Навъҳои гуногуни машгулиятҳои логопедӣ барои кӯдакони синни томактабӣ бо истифода аз усулҳои нави таълим пешниҳод шудааст ва амсоли он.

Дар диссертатсия зикр шудааст, ки истифодаи методологияи фаъолияти бозӣ барои ислоҳи лакнатзабонӣ имкон медиҳад, ки функсияҳои нутқ ислоҳ карда шавад, малакаҳои дурусти нутқ ташаккул ёбад ва кӯдакон ба муошират озод ҷалб карда шаванд. Дар робита ба чунин муносибати асоснок таҷрибаи муассисаҳои таълимии томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шуда, маводҳои зарур таҳлил, ҷамъбаст ва хусобанди шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ тибқи барнома ва ҳуҷҷатҳои расмӣ, ташкили озмоиш, таҳлили назариявии сарчашмаҳои педагогӣ ва психологӣ, суҳбат, пурсишнома, мусоҳибаҳо, озмоиш, арзёбӣ, оморӣ, таҳлили назариявӣ ва ҷамъбасту хулосабарорӣ, мушоҳидаи педагогӣ, ташхиси кӯдакони лакнатзабон, таҳлили самараи фаъолияти амалии кӯдакони дорои нуқсонҳои лакнатзабонӣ дар бозиҳои логопедӣ, методҳои гузаронидани бозиҳои логопедӣ мураттаб ва таҳия шудааст.

Ҳадафи асосии таҳқиқот, чунонки ки муаллиф изҳор дорад, омӯзиши ҳамаҷонибаи логопедӣ, ташхиси психологию-педагогӣ ва омӯзиши параметрҳои муваққатии нутқ дар лакнатзабонҳо ва кӯдакони дар нутқи бенуқсон дар муқоиса муайян гардида, дар раванди озмоиши ташаккулёбанда бо иштироки 18 нафар кӯдакони лакнатзабон аз рӯи методикаи махсус озмоиши логопедӣ гузаронида шудааст. Таҳлили муқоисавии натиҷаҳои таҷрибаҳои назоратӣ ва ташкилӣ имкон додааст, ки самараи усули пешниҳодшудаи ислоҳи нутқ тавассути технологияи бозӣ арзёбӣ гардад.

Навгониҳои илмии таҳқиқот дар ислоҳи лакнатзабонӣ дар кӯдакони синни томактабӣ ва коркарди методикаи таълими логопедӣ буда, дар диссертатсия ҷанбаҳои зеринро дарбар гирифтааст:

- роҳу равиш ва воситаҳои самарабахши таъсир бахшидан ба кӯдакони дорои нуқсони лакнатзабонӣ ба воситаи технологияи бозии самти коррексионӣ муайян гардидааст;

- тавассути таҳқиқоти инструменталӣ хусусиятҳои умумӣ ва фардии тавсифномаи суръатнокӣ-ритмикии нутқи кӯдакони лакнатзабон коркард ва пешниҳод шудааст;

- бо роҳу усули навгонӣ - технологияи бозӣ роҳҳоиислоҳи нуқсони лакнатзабонӣ муайян ва асоснок карда шудааст;

- маълумотҳои нави сифатӣ ва микдории тачрибавӣ оид ба хусусиятҳои суръатнокӣ-ритмикии нутқи кӯдакони лакнатзабон, таъсири мутақобила ва динамикаи ҷузъҳои гуногуни просодикӣ, инчунин алоқаи он бо нишонаҳои дигари лакнатзабонӣ ҳини истифода аз технологияи бозӣ тасвир ва тавсиф ёфтааст;

- самт, мазмун, усул ва шартҳои таъсири дифференсиалии маҷмӯи корҳои ислоҳии логопедӣ бо назардошти хусусиятҳои умумӣ ва фардии нутқи кӯдакони лакнатзабон дар раванди истифода аз технологияи бозӣ асоснок шуда, самаранокии он собит гардидааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот имкон медиҳад, ки мазмун ва усулҳои кори логопедии ба эътидол оварда шуда, смтҳои суръатнокӣ-ритмикии нутқи кӯдакони лакнатдошта тавассути ташкили бозиҳои логопедӣ мураттаб гардад. Муаллиф дар асоси маълумотҳои тачрибавии ба даст овардашуда меъёр ва шартҳои татбиқи равиши дифференсиалӣ ва фардиро дар рафти кори логопедӣ дар робита ба илми забон (лингвистика) ба низом даровардааст. Арзёбии сифатӣ ва миқдории хусусиятҳои суръатнокӣ-ритмикии нутқи кудакони ба нуқсони гуфтор гирифтор бо истифода аз усулҳои объективӣ дар ташхиси дифференсиалии нишонаҳо ва сабабҳои лакнатзабонӣ мусоидат намуданд. Барномаи комплексии тартибдодаи муаллиф бароиислоҳи нуқсонҳои нутқ тавассути бозӣ дар амалияи васеи логопедӣ роҳандозӣ карда шудааст.

Диссертатсия метавонад ҳам барои мутахассисоно соҳаи логопедия ва ҳам омӯзгорон, мураббиён ва наздикони кӯдакони гирифтори нуқсони нутқ муфид арзёбӣ мегардад.

Дар диссертатсияи унвонҷӯй якчанд ғояҳои пурарзишро дар самти таҳқиқи масъалаи гузошташуда метавон мушоҳида кард. Чунончи:

1. Муаллиф вайроншавии суръат ва ритми нутқи кӯдакони синни томактабиро бо таносуби гуногуни давомнокии сегментҳо ва коэффисиэнти тағирёбии онҳо алоқаманд медонад.

2. Аз ҷониби муаллиф истифодаи усулҳои инструменталӣ барои баҳодиҳии сифатӣ-миқдории суръат ва ритми нутқ дар кӯдакони синни томактабӣ тавсия мегардад, то ки хусусиятҳои умумӣ ва фарии кӯдакон муайян карда шавад.

3. Таҷрибаи кор бо кӯдакони лакнатзабон собит месозад, ки вайрон шудани суръат ва ритми нутқ дар кӯдакони синни томактабӣ бо вайроншавии амалиётҳои гуногуни тавлиди баёни нутқ дар самти иштиёқмандӣ (мотиватсия), мантиқӣ, забонӣ, моторӣ, инчунин инҳироф дар соҳаи эмотсионалӣ алоқаманд аст.

4. Муаллиф мутмаин аст, ки ислоҳи нуқсонҳои нутқӣ бояд дар заминаи муносибати дифференсиалӣ ва фардӣ бо назардошти хусусиятҳои умумӣ ва инфиродӣ барои ба эътидол оаврдани суръат ва низоми нутқ, динамикаи он, пешгуии илмии асоснокшуда, хусусиятҳои эмотсионалӣ тавассути истифода аз технологияи бозӣ амалӣ мегардад.

Муаллиф дар натиҷаи таҳлил ва омӯзиши генезиси масъала ба хулоса меояд, ки раванди лакнатзабонӣ ва зуҳуроти он бештар аз хусусиятҳои психофизикии кӯдак ва шахсияти ӯ ба зуҳур меояд. Аз ҷумла, ӯ дуруст изҳор мекунад, ки дар анамнези кӯдакони лакнатзабон таъсири хатарҳои табиати экзогенӣ ва эндогенӣ, паст будани соҳаи нейропсихикии кӯдак ба мушоҳида мерасад. Бори невропатикии кӯдакон дар изтироб, гиря дар кӯдакӣ, дар вайроншавии хоб, ғизо, дертар - дар тарси шаб, тарси танҳо будан дар як ҳуҷра, аксуламалҳои истерикӣ зоҳир мешавад. Аз ҳамин сабаб ҳам дар кӯдакон ақибмондаи инкишофи нутқ ихтилоли тарафҳои динамикии нутқ, вайрон кардани талаффузи садо ба мушоҳида мерасад.

Дар рисолаи унвончӯй таҳия ва коркарди барномаи таълимии махсус барои мутахассис-логопед ҳангоми кор бо кӯдакони нуқсони нутқдошта аз падидаҳои навини таълим дар ин самт ба чашм мерасад.

Натиҷаҳои бадастома дар партави истифода аз пойгоҳи методологӣ ва назариявии пажӯҳиш, аз ҷумла, такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот, ки ба мавзуъ ва ҳадафҳои пажӯҳиш созгор ва мувофиқ аст; таҳлили шароит ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи пешбиниву андешаҳое, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи диссертатсия ба миён гузошта шуд; тафтиши маводҳои озмоишӣ дар низоми таҳсилоти олии омӯзгорӣ; таҷрибаи амалии фаъолияти касбӣ ва педагогии муаллифи рисола асоснок мегардад.

Дар рисола зимни баррасии масъалаи ислоҳи нуқсонҳои нутқи кӯдакон тавассути технологияи бозӣ, маводи зиёди назариявӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор ёфта, дар асоси таҳлили муқоисавии андешаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ нақш ва мақоми технологияи муосири педагогӣ дар самарабахш шудани фаъолияти таълимӣ арзёбӣ шудааст.

Зимни омӯзиш ва таҳлили диссертатсияи Салямова Дилафрӯз муайян карда шуд, ки муаллиф мувофиқи ҳадафҳои гузошта назари бодиққат ба андешаю ақидаҳои олимони ватанию хориҷӣ намуда, дар асоси маводи таҳлилшуда ислоҳи нуқсонҳои нутқи кӯдаконро тавассути технологияи бозӣ коркард ва мавриди амал қарор медиҳад.

Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки ҷомеаи муосир дар назди логопед вазифаҳои ҷиддӣ мегузорад, то ӯ тавонад ба шароити таҳаввулпазири ҳаёт устуворна қадам гузорад, донишҳои заруриро аз худ карда, дар амалия истифода намояд. Аз ин лиҳоз, ислоҳи нуқсонҳои кӯдакони лакнатзабон тавассути технологияи муосири педагогӣ аз масъалаҳои муҳим ба шумор рафта, мубрамияти проблемаи таҳқиқотро афзун мегардонад.

Рисола тибқи талабот ба диссертатсияҳои номзадӣ таҳия шуда, он аз муқаддима, ду боб, хулоса, руйхати адабиёт мураттаб ёфтааст. Дар муқаддима аҳаммияту дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои

таҳқиқ, сарчашмаҳову усулҳои пажӯҳиш, навгониҳо, арзиши назарию амалии рисола, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия аз назари илмӣ фасеҳу ва комил муайян карда шудааст.

Дар қисмати муқаддима талабот доир ба иҷрои кори таҳқиқотӣ риоя гардида, ҳар бахш бо низоми муайян пай дар пай оварда шудааст.

Боби якуми диссертатсия "Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи масъалаҳои пайдоиш ва ислоҳи нутқи кӯдакони лакнатзабон" унвон дошта, дар он сабабу омилҳои пайдошавии осеби лакнатзабонӣ дар кӯдакони синни томактабӣ дар адабиётҳои педагогӣ, равоншиносӣ ва методӣ, ҳамкории логопед, мураббӣ ва оила дар ислоҳи нуқсони лакнатзабонии кӯдакон, технологияи педагогии ислоҳи лакнатзабонӣ кӯдакони синни томактабӣ мавриди муҳокима ва баррасии комил қарор ёфтааст.

Боби дуюми диссертатсия - "Технологияи педагогии ислоҳи лакнатзабонӣ дар кӯдакони синни томактабӣ" масъалаҳоеро амсоли технологияи педагогии ислоҳи лакнатзабонӣ дар кӯдакони синни томактабӣ, татбиқи технологияи педагогии ислоҳ намудани нуқсони лакнатзабонии кӯдакони синни томактабӣ, ҷамъбасти озмоиш ва натиҷаҳои бадастомада дарбар мегирад. Муаллиф дар ин боб тазаккур медиҳад, ки интихоб ва истифодаи ин ё он усули амалӣ, аёнӣ ва шифоҳиро хусусияти нуқсони нутқ, мувзӯъ, ҳадафҳо ва вазифаҳои ислоҳӣ-логопедӣ, марҳилаи кор, синну сол, хусусиятҳои фардии-психологии кӯдак муайян мекунад. Зиёда аз ин, дар ҳар як марҳилаи кори логопед самаранокии азхудкунии малакаҳои дурусти нутқ тавассути гурӯҳи мувофиқи усулҳо таъмин мегардад.

Дар диссертатсия собит шудааст, ки дар кӯдакони хурдсол захираи луғавӣ, тасаввурот дар бораи муҳити атроф маҳдуд буда, дар нутқи онҳо калимаҳои ба мавзуъҳои ҳаррӯзаи маишӣ бахшидашуда нисбатан бештар истифода мегардад. Аз нуқтаи назари психологӣ дар хурдсолон тафаккури аёнӣ - амалӣ ва аёнӣ - образӣ нисбат ба тафаккури мантиқӣ бартарӣ дорад.

Муаллифи диссертатсия ба хулоса меояд, ки дар соҳаи педагогикаи коррексионӣ таҳқиқотҳои назариявию озмоишӣ, ки ба омӯзиши имкониятҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар ҷараёни таълими фанҳои касбӣ, аз ҷумла логопедия, равона шудаанд, хеле каманд. Набудани усули ягонаи истифодаи технологияи таълиму тадрис дар роҳи ислоҳи нуқсонҳои гуфтор ва нутқ мунтазам гузарондани таҳқиқотҳои илмиро дар ин самт тақозо мекунад.

Дар рисола фарзияи таҳқиқот вобаста ба таҳия, коркарди масъалаи мавриди назар дар раванди кор бо кудакони лакнатзабон собит гардида, татбиқи пурраи худро пайдо кардааст.

Дар қисмати ҷамъбастии диссертатсия аз ҷониби муаллиф тавсияҳо ҷиҳати истифодаи натиҷаҳои амалии таҳқиқот пешниҳод шудааст. Аз ҷумла, қайд мегардад, ки таҳқиқотҳои минбаъда оид ба ислоҳи нуқсонҳои нутқи кудакони томактабӣ бо истифода аз барномаву технологияҳои компютерии таълимӣ ва фароҳам овардани шароитҳои психологию педагогӣ ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ бояд ҳаллу фасл гардад.

**Эродҳо оид ба кори таҳқиқотӣ**

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия ва фишурдаи он баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Дар қисмати дараҷаи таҳқиқи мавзуи илм асарҳои мавҷуда оид ба нуқсонҳои лакнатзабонӣ дар ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар, аз ҷумла, Федератсияи Руссия мавриди омӯзиш ва таҳлилу ҷамъбаст қарор нагирифтааст. Чунончи, асарҳои Алмазова Е.С., Белякова Л.И., Выготский Л.С. (Основы дефектологии), Глухов В.П. (Основы коррекционной педагогики) ва амсоли он.

2. Дар саҳифаи 143–и диссертатсия ислоҳи лакнатзабонӣ дар кӯдакони синни томактабӣ бо ёрии машқҳо ва бозӣ баён гардида, аз ҷумла чунин вазифаҳо гузошта шудааст: ташаккул додани малакаҳои муошират дар кӯдакони таҳсилоти томактабӣ, ки лакнатзабонӣ доранд; ташаккули фасеҳи нутқ дар кӯдакони таҳсилоти томактабӣ; инкишофи захираи луғавии пассивӣ ва фаъол. Хуб мебуд агар роҳу равиши

ташаккули малакаҳои муошират, инкишофи захираи луғати фаъол ва пассив шарҳу эзоҳ дода мешуд.

3. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ва фишурдаи он хатоҳои имлоӣ, мантиқӣ ва техникӣ ба назар мерасад, ки дар оянда ба назари эътибор бояд гирифт.

4. Номи мавзӯи диссертатсия андаке ба таҳрири мантиқӣ ниёз дорад. Таклифи мо: “Заминаҳои пайдошавии ё лакнатзабонӣ ё нуқсонҳои гуфтор ва нутқ дар кӯдакон ва технологияи бартарфсозии он”,зеро нуқсон ва лакнат аз ҷиҳати маъно ба ҳам наздиканд..

Камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Салямова Дилафрӯз Нарзимуродовнаро дар ҳудуд ва миқёси проблемаи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузоштташуда диссертант далелу маводҳои зарурирο ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Муаллиф аз адабиёти илмии зарурӣ дар самти масъалаи гузошташуда дар робита бо мавзуи таҳқиқот муваффақ шуда, онро дар сатҳи хуб ба анҷом додааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои бадастома дар партави истифода аз пойгоҳи методологӣ ва назариявии пажӯҳиш; такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот дар робита ба мавзӯъ ва ҳадафҳои пажуҳиш, таҳлили натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ сурат гирифта, андешаҳои дар фарзия ва ғояи пешбаранда ба миён гузошташуда тасдиқ ёфта, тафтиши маводҳои озмоишӣ, таҷрибаи амалии фаъолияти касбӣ ва педагогии муаллифи рисола хуб асоснок шудаанд.

Автореферат, китобу дастур ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавоии асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.03 - Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) пурра мувофиқат мекунад.

Ба андешаи мо, диссертатсияи Салямова Дилафрӯз

Нарзимуродовна дар мавзуи “Заминаҳои пайдошавии нуқсони лакнатзабонӣ дар кӯдакон ва технологияи бартарафсозии он” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.03 - Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба талаботи пешниҳоднамудаи бандҳои 31 ва 33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30–уми июни соли 2021 тасдиқшуда пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Салямова Дилафрӯз Нарзимуродов барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.03 - Педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи забоншиносии умумӣ ва
типологияи муқоисавии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
профессор **Негматов Садуллоҷон Эргашевич**

Маълумот барои тамос:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Телефон: (+992) 918506318.
E-mail: snegmasi@rambler.ru

Имзои С.Э. Негматовро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавкиев Э.